Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

**ТАҚРИЗИ**

**ба диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (Душанбе, 2024. – 180 с.)**

**Мутобиқаги диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-хуқуқии уҳдадории ҳарбӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми ҳуқуқшиносӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат аз рӯи мазмуни он ба ихтисоси эълоншуда мувофиқат намуда, номи мавзуъ, нақша ва матни асар ба таври мантиқӣ ва илмӣ омода карда шудааст.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Тибқи моддаи 43 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси ҳар шаҳрванд аст». Чунончи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромадҳои худ таъкид менамоянд: «Ватандӯстӣ ва амнияти миллӣ асоси сиёсати давлати мо мебошад». Хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ яке аз уҳдадории ҳарбӣ ва уҳдадории конститутсионии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии ҳар як ҷавонмард аст. Хизмат дар сафи Қувваҳои мусаллаҳ на танҳо уҳдадории шаҳрвандӣ, балки масъулият ва ифтихор низ мебошад. Хизмати ҳарбӣ барои ҷисман обутоб ёфтан, мустаҳкамии ирода, ҷасорату шуҷоъат, садоқат ба Ватану миллат ва дигар хислатҳои неки инсонӣ аст.

Дар шароити муосири Тоҷикистони соҳибистиқлол уҳдадории ҳарбӣ яке аз масоили доғи рӯз ва муаммои печида мебошад, ки имрӯз дар ҷомеа баҳсҳои

гуногунро ба миён овардааст. Мубрамияти мавзуъро пеш аз ҳама, ҷавобгӯ набудани самти ҳарбии фаъолияти давлат вобаста ба сабабҳои объективию субъективӣ ба шароити муосир; сарпечӣ намудани ҷавонон аз хизмати ҳарбӣ; дар ҷараёниислоҳоти ҷиддӣ будани хизмати ҳарбӣ; паст рафтани обрӯи хизмати ҳарбӣ ва афсарӣ; паст будани маошу надоштани имтиёзҳои марҳилаи шуравии рушд дар ин самт ва ғайра мебошанд.

Вазифаи ин таҳқиқот ҷустуҷуи ҷавоби илмӣ ва мантиқӣ ба кулли саволҳои муосир ба падидаи хизматии ҳарбӣ мебошад.

Аҳаммияти диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ» дар асоси ҷанбаҳои калидии марбут ба мушкилот ва талаботи муосир ба низоми амнияти миллӣ, кишвар, марзӣ, танзими ҳуқуқӣ дар шароити вазъи тағйирёбандаи иҷтимоӣ мебошад.

Дар шароити муносибатҳои муосири байналмилалӣ, ки бо дараҷаи баланди зиддият ва ноустуворӣ ба он хос мебошад, таъмини амнияти миллӣ ва нигоҳ доштани қобилияти мудофиавии давлат ба вазифаҳои афзалиятнок табдил ёфтааст. Уҳдадории ҳарбӣ аз унсурҳои калидии низоми мудофиаи кишвар мебошад, ки устувории давлат ба таҳдидҳои беруна аз самаранокии он вобаста аст.

Танзими ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ бояд ба стандартҳо ва талаботи муосир ҷавобгӯ бошад. Тадқиқоти ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки моделҳо ва таҷрибаҳои муваффақтаринро муайян кунанд, ки метавонанд ба низомии ҳуқуқии миллӣ мутобиқ ва ҷорӣ карда шаванд.

Тағйироти муосири иҷтимоӣ ва демографӣ, аз қабили урбанизатсия, тағйирёбии сохтори оила, равандҳои муҳоҷират ба низоми уҳдадории ҳарбӣ таъсири назаррас дошта, таҳқиқи ин омилҳо имкон медиҳад, ки механизмҳои чандир ва мутобиқшаванда таҳия карда шаванд, ки ба воқеияти ҷомеаи муосир мувофиқат кунанд.

Имрӯз масъалаҳои риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, тавозуни байни уҳдадориҳои ҳарбӣ ва ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ дар давлати ҳуқуқбунёд аҳаммияти бештар пайдо мекунанд. Омӯзиши робитаи уҳдадории ҳарбӣ бо ҳуқуқи инсон ба ташаккули низоми одилона ва муассир мусоидат мекунад, ки манфиатҳои ҳам давлат

ва ҳам шаҳрвандонро ба назар мегирад.

Омӯзиши рушди таърихии ухдадории ҳарбӣ имкон медиҳад, ки сабабҳо ва оқибатҳои равишҳои гуногун ба танзими он фаҳмида шаванд. Таҳлили мисолҳои таърихӣ барои пешгирӣ кардани такрори хатоиҳои гузашта ва истифодаи таҷрибаи ғании кишвар барои такмил додани низоми муосири ухдадории ҳарбӣ кӯмак мекунад.

Натиҷаҳои ин тадқиқот метавонанд барои такмили қонунгузории миллӣ дар соҳаи ухдадории ҳарбӣ, таҳияи тавсияҳо барои мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои масъули мудофиа ва амният истифода шаванд. Онҳо инчунин барои ҷомеаи илмӣ, донишҷӯён ва муҳаққиқоне, ки ба масъалаҳои амнияти миллӣ, танзими ҳуқуқӣ ва таҳлили таърихӣ ва ҳуқуқӣ машғуланд, муфид хоҳанд буд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии ухдадории ҳарбӣ» ҳам аз нуқтаи назари илмӣ ва ҳам аз нуқтаи назари амалӣ муҳим ба шумор меравад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Диссертатсия дар доираи талабот, тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 муайян карда шудаанд, таҳия гардидааст. Рисола ҳамчун кори мустақили илмӣ-тахассусӣ ба шумор рафта, натаҷаи он барои рушди илм ва қонунгузорӣ заминаҳои зарурироро фароҳам меорад. Навгонии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки рисолаи мазкур яке аз нахустин пажуҳишҳои мукаммали илмӣ оид ба масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии ухдадории ҳарбӣ ба ҳисоб меравад.

**Навоварии илмии тадқиқот** дар панҷ нуқтаи асосӣ нишон дода шудааст, ки ҳар кадоми онҳо сазовори таваҷҷуҳ мебошанд:

1. Омӯзиши ухдадории ҳарбӣ аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ дар шакли монографӣ саҳми назаррас дар ҷомеаи илмӣ мебошад. Ин имкон медиҳад, ки ҷанбаҳои ҳуқуқии ухдадории ҳарбӣ амиқтар ва бонизом мавриди таҳлил қарор дода шуда, хусусиятҳои он муайян карда шаванд ва равишҳои нав барои танзими он пешниҳод карда шаванд.

2. Муқоисаи ухдадориҳои ҳарбӣ бо дигар ухдадориҳои шаҳрвандӣ як ҷанбаи муҳимми тадқиқот мебошад, зеро он имкон медиҳад, раванди воридшавии ухдадориҳои ҳарбӣ ба низоми умумии ҳуқуқ ва ухдадориҳои шаҳрвандон дарк карда

шаванд.

3. Дар диссертатсия уҳдадории ҳарбӣ бори аввал дар низоми ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандӣ баррасӣ шуда, мавқеи қонунгузорӣ дар ин самт нишон дода шудааст. Баррасии уҳдадории ҳарбӣ дар заминаи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандӣ як қадами назаррас ба пеш дар илми ҳуқуқ мебошад. Ин имкон медиҳад, ки тавозуни байни уҳдадориҳои шаҳрвандон дар назди давлат ва ҳуқуқҳои шахсии онҳо арзёбӣ шуда, нуқтаҳои эҳтимолии мунокиша муайян ва роҳҳои ҳалли онҳо пешниҳод карда шавад.

4. Дар диссертатсия бори аввал мавқеи қонунгузории кишварҳои дигар нисбат ба ӯҳдадориҳои ҳарбӣ шарҳ дода, қонунгузории Тоҷикистон бо онҳо муқоиса шудааст. Таҳлили муқоисавии қонунгузории кишварҳои гуногун дар соҳаи уҳдадориҳои ҳарбӣ саҳми арзишманд дар илми ҳуқуқӣ мебошад. Ин имкон медиҳад, ки на танҳо хусусиятҳои қонунгузории миллӣ дарк карда шаванд, балки таҷрибаҳои пешрафта метавонанд ба қонунгузории Тоҷикистон мутобиқ ва ҷорӣ карда шаванд, ба такмили он мусоидат намоянд.

5. Дар рисола бори аввал ватандӯстӣ ҳамчун омили иҷрои уҳдадории ҳарбӣ ва худшиносӣ мавриди баҳс қарор гирифтааст. Баҳс дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ҳамчун асосҳои ватандӯстӣ ва худшиносӣ як равиши навоваронаест, ки барои омӯзиш дурнамои нав мекушояд ва нақши уҳдадории ҳарбиро дар ташаккули ҳувияти шаҳрвандӣ ва эҳсосоти ватандӯстона таҷдид ва таъсири онро ба рушди шахсӣ ва худшиносии шаҳрвандон арзёбӣ шавад.

Навоварии илмии тадқиқот, ки дар нуқтаҳои зикршуда ифода ёфтааст, дар илм ва амалияи ҳуқуқӣ саҳми назаррас мегузорад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Услуби баёни мавод ва тарҳи диссертатсия ва автореферати диссертатсия ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад. Автореферат мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунад. Диссертатсия аз омодагии баланди назариявии довталаб шаҳодат медиҳад.

Пешгуфтор аҳаммияти омӯзиши уҳдадории ҳарбӣ барои ҷомеа ва давлатро тавсиф мекунад. Интихоби мавзуъ асоснок, ҳадафҳо ва вазифаҳои омӯзиш дақиқ

баррасӣ карда шудаанд.

Боби якум, ки "Ташаккули назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ" ном гирифтааст, аз 3 зербоб иборат аст. Дар зербоби аввал масъалаҳои назариявии уҳдадории ҳарбӣ муҳокима карда шуда, назари гуногуни илмӣ дар бораи моҳият, мундарича ва асосҳои ҳуқуқии он баррасӣ ва нақши уҳдадории ҳарбӣ дар низоми ҳуқуқи давлатӣ ва аҳаммияти он барои таъмини амнияти давлат тавсиф карда шудааст.

Дар зербоби 2 марҳилаҳои таърихии рушди уҳдадории ҳарбӣ дар сарзамини таърихии тоҷикон ва фарҳангҳои гуногун таҳлил карда мешаванд. Таҳаввулоти қонунгузории танзимкунандаи уҳдадории ҳарбӣ ва тағйироти асосие, ки дар тӯли асрҳо дар ин соҳа ба амал омадаанд, тавсиф карда шуда, таъсири рӯйдодҳои таърихӣ ба ташаккул ва тағйир додани низоми уҳдадории ҳарбӣ баррасӣ гардидаанд.

Дар зербоби 3 робитаи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва уҳдадориҳои ҳарбӣ таҳқиқ карда шуда, чи гуна иҷрои уҳдадории ҳарбӣ бо ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, ки дар санадҳои ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ муқаррар шудаанд, ба баҳс кашида шудаанд. Тавозуни байни ҳимояи давлат ва риояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон баррасӣ карда шудааст.

Боби 2 "Ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, масъалаҳои амалӣ ва муқоисавии уҳдадории ҳарбӣ" ном гирифта, аз 4 зербоб иборат аст. Дар зербоби аввали он масъалаҳои ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ баррасӣ шуда, тартиби даъват ба хизмати ҳарбӣ, вазифаҳои хизматчиени ҳарбӣ, масъулияти саркашӣ аз хизмат таҳлил шудааст.

Дар зербоби 2 масъалаҳои амалишавии уҳдадориҳои ҳарбӣ ва ҷанбаҳои амалии иҷрои уҳдадории ҳарбӣ баррасӣ шудааст. Раванди ташкил ва гузаронидани даъват, омӯзиши хизматчиёни ҳарбӣ, мутобиқсозии онҳо ба хизмати ҳарбӣ, мушкилоте, ки ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои ҳарбӣ ба миён меоянд ва роҳҳои ҳалли онҳо таҳлил гаштааст.

Таҳлили муқоисавии низоми уҳдадории ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои гуногун дар зербоби 3 анҷом дода шудааст. Тафовут дар муносибат ба ташкили хизмати ҳарбӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои хизматчиёни ҳарбӣ, инчунин, дар

ҷанбаҳои қонунгузорӣ ва амалии иҷрои уҳдадории ҳарбӣ таҳқиқ ва намунаҳои моделҳои муваффақ аз ҷониби диссертант баррасӣ карда мешаванд.

Дар зербоби 4 мафҳуми ватандӯстӣ ва нақши он дар иҷрои уҳдадориҳои ҳарбӣ, таҳлил гаштааст. Ба андешаи диссертант тарбияи ватандӯстӣ ба муносибати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ ва омодагии онҳо барои иҷрои вазифаҳои худ таъсири бевосита мерасонад. Намунаҳои барномаҳои ватандӯстӣ ва самаранокии онҳо баррасӣ карда мешаванд.

Хулосаи рисола фарогири натиҷаҳои таҳқиқот буда, дар он натиҷаҳои бадастомада ва аҳаммияти онҳо барои назария ва амалияи уҳдадории ҳарбӣ арзёбӣ карда шудаанд.

Тавсияҳо оид ба татбиқи натиҷаҳои тадқиқот дар амалияи қонунгузорӣ ва иҷроия мушаххас буда, имкониятҳои татбиқи чораҳои пешниҳодшуда ва таъсири эҳтимолии онҳо ба низоми ӯҳдадориҳои ҳарбӣ баррасӣ шудаанд.

Диссертант 13 мақолаи илмӣ нашр намудааст, ки аз ҷумла 7-тои он дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор шудаанд. Хулоса, натиҷа ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар маводи нашргашта инъикос ёфтаанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ дар шакли маърузаи илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Ба талаботи КОА мутобиқ будани барасмиятдарории диссертатсия

Диссертатсияи баррасишаванда вобаста ба ном ва нақшаю сохтор, муҳтаво, хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳо ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошад. Он аз 2 боб, 7 зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд.

Ҳаҷми умумии диссертатсия 180 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии марбут ба уҳдадории ҳарбӣ баррасӣ шудаанд. Диссертант падидаи уҳдаддорӣ, маҳдудукунии ҳуқуқро ба таври муфассал таҳқиқ намуда, дар зимни он падидаи уҳдадории ҳарбиро ошкор сохтааст. Албатта, ин равиши диссертант барои

пурраву комил тасаввур кардани як шакли уҳдадорӣ - уҳдадории ҳарбӣ замина гаштааст.

Дар баробари ин бояд қайд намуд, ки диссертатсия масоил ва андешаҳои норавшан, бандҳои баҳснокро дорад.

1) Аз назари илмӣ банди якуми навгониҳо баҳснок менамояд, чунки эътирофи мавҷудияти мафҳуми “хизмат ба Ватан” дар замони пеш аз пайдоиши давлат баҳснок аст;

2) дар диссертатсия масъалаи зарурати таъмини қонунгузории тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ва тартиби иштироки хизматчиёни ҳарбӣ аз рӯи даъват дар низоъҳои ҳарбӣ баррасӣ карда мешавад. Аммо ба ғайр аз муайян кардани аҳаммияти қонунгузории ин ҷанбаҳо, диссертант муносибати худро барои муайян кардани мундариҷаи онҳо пешниҳод накардааст. Дар рисола на танҳо тавсифи меъёрҳои ҳуқуқии мавҷуда, балки андешаи муаллиф, ки чӣ гуна ин ҷанбаҳо бояд дар қонунгузорӣ таҳия ва амалӣ карда шаванд, муҳим буд;

3) дар матни диссертатсия идомаи мантиқии баъзе сархатҳо мушоҳида намегардад, хатоҳои техникӣ дида мешавад;

4) тавсия ва пешниҳодҳои баҳснок (с.14-15, махсусан банди 1, 7) ироа шудааст, ки тавзеҳи бештарро талаб мекунанд.

Новобаста ба эродҳои баҳснок, таҳқиқоти анҷомшуда аҳамияти баланди илмиро дорад.. Диссертатсияи М.Н. Муминзода дар таҳияи масъалаҳои ҷанбаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии масъулияти ҳарбӣ арзиши баланди илмӣ дошта, пешниҳодҳои изҳоршуда ба такмили минбаъдаи тадқиқоти илмӣ равона карда шудаанд.

**Қисмати хотимавии тақриз - хулоса**

Рисолаи баррасигардида аз лиҳози мубрамият, ном ва нақшаи мавзуъ, муқаддима, бобҳо ва зербобҳо, хулосаю сарчашмаҳо, пайдарҳам бо услуби илмӣ таҳия гардидааст. Дар он ақидаҳои гуногуни илмӣ ва қонунгузорӣ таҳлил гардида, хулосаҳои муҳим ва тавсияҳои муфид ҷиҳати такмили қонунгузорӣ манзур шудааст.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ» ба талаботҳои

Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 қабул гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Муқарриз:

Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
Мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Э.Б. Буризода

Имзои проф. Э.Б. Буризодаро тасдиқ мекунам:
Нозири калони кадрҳои ИФҲС-и АМИТ Б. Абдураҳмонзода

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикисгон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 19.
Тел.:+992 (37) 221-56-89; E-mail: buriev-68@mail.ru

11 сентябри 2024